# ТАҚРИЗИ

**мукаррризи расмӣ доктори илмҳои кишоварзӣ Партоев Қурбоналӣ ба диссертатсияи номзадии Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзӯи "Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзӯи «Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт» дар заминаи шиносномаи ихтисоси соҳаи илми агрономӣ ба шумор рафта, мавзуи он ба шиносномаи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мутобиқат менамояд.

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин таъмини амнияти озуқаворӣи мамлакат ба шумор меравад. Бинобар ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амнияти озуқаворӣи кишварро яке аз самтҳои асосии пешрафти ҷомеа маънидод намуда, ҳамасола дар пайёмҳои хеш оид ба захира намудани маводҳои ғизоиро дар ҳар оила барои ду-се сол таъкид менамоянд.

Соҳаи картошкапарварӣ яке аз самтҳои афзалятноки соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, пешрафти ояндаи он, пеш аз ҳама барои ба даст овардани навъҳои серҳосили картошка, ташкил намудани системаи илман асосноки тухмипарварии ин зироат дар минтақаҳои кӯҳӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ дар картошкаправарӣ алоқамандии калон дорад. Баҳри рушди ояндаи ин соҳаи муҳими кишоварзӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола чораҳои заруриро андешида, дурнамо ва барномаҳои мушаххасро роҳандозӣ менамояд.

Селексия ва тухмипарварӣ омилҳои асосии рушди минбаъдаи соҳаи картошкаправарӣ ба шумор мераванд. Дар раванди ба даст овардани навъҳои нав ва тухмии баландсифати картошка, мутобиқгардонӣ ба шароитҳои гуногуни агроэкологии минтақаҳои парвариши навъу дурагаҳои ояндадор ва дар истеҳсолот ҷорӣ намудани онҳо, баҳри баланд бардоштани самаранокии соҳа метавонанд, накши муҳимро бозанд. Вале, то кунун масъалаҳои таъсири омилҳои гуногуни агроэкологии минтақаҳои кухӣ ва наздикӯҳии кишварамон ба хусусиятҳои рушду сабзиш ва ҳосилнокии навъҳои нави картошка пурра омӯхта нашудаанд. Аз ин ҷост, ки рисолаи илмии мазкур маҳз ба дарёфти роҳҳои ҳалли масъалҳои зерин дар шароити кӯҳии яке аз минтақаҳои асосии картошкаправарӣ дар кишварамон- мавзеъи Лахши минтақаи Рашт бахшида шудааст.

**Бинобар ин, ҳадафи асосии рисолаи мазкур ин** омӯзиши хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи

Лахши водии Рашт, баҳри истифодабарӣ дар истеҳсолот ва селексия равона карда шудааст.

**Барои расидан ба ҳадафии илмиаш, унвонҷӯй Акрамов А.Х. чунин вазифаҳои муҳими илмиро ҳал намудааст:**

- **Омӯзиши хусусиятҳои ботаникиву биологии навъҳои нави интродуксионии картошка.**
- Омӯзиши хусусиятҳои инкишоф ва нашъунамои навъҳои нави **картошка, ташаккулёбии нишонаҳои морфологии онҳо.**
- **Муайян намудани маҳсулнокӣ ва ҳосилнокии навъҳои гуногуни** картошка.
- Муайян намудани алоқамандии (коррелятсия) нишонаҳои асосии навъҳои нави картошка.
- **Таъсири касалӣ ва зараррасонҳо ба нашъунамо ва ҳосилнокии навъҳои картошка.**
- Муайян намудани самаранокии иқтисодии парвариши навъҳои нави картошка дар минтақаи кӯҳӣ.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Бори аввал дар шароити мавзеи Лахши **водии Рашти Шарқии Тоҷикистон, дар асоси таҳқиқотҳои комплексӣ** омӯзиши хусусиятҳои селексионӣ, агроэкологӣ ва маҳсулнокии навъҳои нави интродуксионии картошка ба роҳ монда шуда, дар асоси он ҷораёни мутобиқшавӣ, хосиятҳои морфобиологии навъҳои нави картошка ва шароити агроэкологии минтақаи кишт пурра омӯхта шудааст. Инчунин, бори аввал унвонҷӯй алоқамандии байни аломатҳои гуногуни навъҳои нави картошкаро дар минтақаи кухӣ, давомнокии давраи нашъунамои онҳо, устоврии навъҳоро ба касалиҳо ва дараҷаи таъсиррасонии зарарасонҳоро муқаррар намудааст. Дар натиҷаи корҳои илмӣ самаранокии иқтисодии парвариши навъҳои нави картошка, дар баландии зиёда аз 2100 метр аз сатҳи баҳр муайян карда шудааст.

**Натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявию амалӣ чунин навгониҳои илмиро дар бар мегиранд:**

1. Аҳамияти таҳқиқотҳои илмӣ дар он аст, ки дар натиҷаи **гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ ба истеҳсолот пешниҳод намудани** навъҳои ояндадори дорои ҳосили баланд ва хушсифати картошка;
2. Баҳодиҳии навъҳои нави картошка вобаста аз сифати тухмӣ, мутобиқат ба шароитҳои минтақаи парвариш, ҳосилнокӣ ва массаи **умумиии биологии онҳо;**
3. Навъҳои тавсияшавандаи серҳосили картошка, ки ҳоло дар майдони бештар аз 20 га дар шароити ноҳияи Лахш парвариш карда мешаванд, ки онҳо метавонанд аз ҳар гектар то 30- 40 тонна **ҳосили дилхоҳ медиҳанд.**
4. **Инчунин, таҳқиқотҳо собит сохтанд, ки навъҳои Янка, Вектар,** Скарб ва Бриз аз ҷиҳати ҳосилнокӣ ва устуворият ба омилҳои табиӣ аз дигар навъҳои зери омӯзиш қарордошта фарқ доранд ва ҳоло навъҳои номбурда дар шароити ноҳияҳои Лахш, Тоҷикобод, Муъминобод, Деваштич дар майдони бештар аз 50 га парвариш мегарданд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи рисолаи илмӣ чунинанд:**

- ✓ Хусусиятҳои агроэкологии минтақаи кӯҳии мавзеи Лахши водии Рашт барои истеҳсол ва рӯёнидани ҳосили баланди навъҳои нави картошка;
- ✓ Хусусиятҳои сабзиш, нашъунамо ва инкишофи навъҳои нави воридгардидаи (интродуксионӣ) картошка;
- ✓ Баҳодиҳии умумӣ оид ба хусусиятҳои ташаккулёбии маҳсулнокии навъҳои картошка дар минтақаи кӯҳӣ;
- ✓ Алоқамандии аломатҳо байни нишондиҳандаҳои биометрӣ, маҳсулнокӣ, сифати ҳосил ва самаранокии иқтисодии парвариши навъҳои нави картошка дар минтақаи куҳӣ, истифодабарии онҳо дар истеҳсолот ва селексия.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳдқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф дар конференсияҳои илмию назариявӣ ва семинарҳои назариявии ҳамасола дар ҷаласаҳои Шӯрои олимони Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ (дар тӯли солҳои 2019-2022) муҳокима карда шудаанд. Натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ инчунин дар конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва маҷаллаҳои тақризшаванда, аз ҷумла: конференсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ дар мавзуъҳои: “Нақши илми кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ” бахшида ба даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” Душанбе -2018, АИКТ; “Самтҳои афзалиятнки рушди илми кишоварзӣ” бахшида ба даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” Душанбе -2019; “Саҳми олимони ҷавон дар рушди илм, иноватсия ва технологияи кишоварзӣ” бахшида ба солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф”-Душанбе -2020, АИКТ; “Нақши тухмипарварӣ дар рушди соҳаи картошкапарварӣ” Душанбе -2020. ИБТС-АИКТ; “Саҳми олимони ҷавон дар рушди илм, иноватсия ва технологияи кишоварзӣ”, бахшида ба 30 солагии Истиқлолияти Давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2020-2040-“Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” -Душанбе -2021, АИКТ ва ғайраҳо таъйид шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 9 мақола дар маводҳои конференсияҳои ҷумҳуриявии илмиву назариявии АИКТ ба чоп расидаанд, ки мазмуну мундариҷа ва муҳтавои асосии таҳқиқоти мазкурро дар бар мегиранд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Кори диссертатсионӣ дар 156 саҳифаи матни компютерӣ дарҷ гардида, аз муқаддима, шаш боб, хулоса, тавсия ба истифодаи амалии натиҷаҳо, 16 замима ва рӯйхати адабиёти истифодагардида иборат аст. Рисолаи илмӣ бо 29 ҷадвал, 19 расм ва 22 диаграммаҳо ороиш дода шудааст. Рӯйхати адабиёти истифодагардида 170, аз ҷумла 8 адабиёти хориҷиро дар бар мегирад.

Ҳамин тавр, дар сарсухани диссертасия пурра мубрамии мавзӯи таҳқиқот, мақсаду вазифаҳои он, навгонӣ, нуқтаҳои ҳимояшаванда,

аҳамияти амалии он, тасвиб ва итишорот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия маълумотҳои саҳеҳ ва пурра пешниҳод гардидаанд.

**Бояд қайд намуд, ки рисолаи илмӣ аз чунин бобҳо ва зербобҳо иборат мебошад:**

**Боби 1. Таҳлили адабиёт оид ба масъалаи таҳқиқот**

1.1. Таърихи пайдоиш ва аҳамияти картошка;

1.2. Таърих ва тараққиёти соҳаи картошкапарварӣ дар Тоҷикистон;

1.3. Хусусиятҳои ботаникию биологии навъҳои картошка;

1.4. Накши селексия дар ба дастоварии навъҳои картошка.

**Боби 2. Шароит, маводҳои аввалия ва методикаи гузаронидани таҳқиқотҳо**

2.1. Баҳои таркиби хоки маҳалли таҳқиқот;

2.2. Маълумоти боду ҳаво дар давраи гузаронидани таҳқиқот;

2.3. Методика, объектҳо ва маводҳои таҳқиқот.

**Боби 3. Натиҷаҳои таҳқиқот**

3.1. Агротехникаи парвариши картошка дар қитъаи таҷрибавӣ;

3.2. Давомнокии фазаҳои сабзиши навъҳои картошка ;

3.3.Аломатҳои морфологии навъҳои картошка;

3.4. Ташаккулёбии сатҳи баргҳо дар навъҳои картошка;

3.5.Массаи узвҳои морфологии навъҳои картошка;

3.6.Маҳсулнокии навъҳои гуногуни картошка;

3.7. Ҳосилнокӣ ва массаи умумии биологии навъҳои картошка;

3.8.Алоқамандии аломатҳои навъҳои картошка;

3.8.1. Алоқамандии аломатҳои гуногун ба маҳсулнокӣ ва ҳосилнокии навъҳои картошка.

**Боби 4. Касалӣ ва зарраррасонҳои картошка**

4.1. Касалиҳои асосии картошка дар қитъаи таҷрибавӣ ва чораҳои мубориза бар зидди онҳо;

4.2. Дараҷаи осеббинии зироати картошка аз ҳашаротҳои зарраррасон.

**Боби 5. Самаранокии иқтисодии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши води Рашт**

5.1. Хароҷотҳои истеҳсолии воқеъӣ барои парвариши картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт;

5.2. Самаранокии истеҳсолӣ ва дараҷаи даромаднокии навъҳои картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт.

**Боби 6. Баррасии натиҷаҳои таҳқиқот.**

Хулоса.

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот.

Руйхати адабиёт.

Интишорот аз руйи мавзуи диссертатсия.

Замимаҳо.

**Бояд қайд намуд, ки боби якуми рисола** хело васеъ ва дар он маълумотҳои зарурӣ аз адабиётҳои гуногун, муаллифҳои зиёди ватаниву хориҷӣ доир ба таърихи пайдоиши зироати картошка, аҳамияти он, таъриху тараққиёти картошкапарварӣ дар Тоҷикистон, хусусиятҳо, аломатҳои биологию ва ботаникии картошка ва накши селексия дар ба

даст овардани навъҳои ояндадори картошка пешниҳод шудааст, ки онҳо аҳамияти таҳлилии ин бобро пурра баён менамоянд.

**Вале, ба андешаи мо дар ин боб маълумоти зарурӣ оид ба таърихи селексияи картошка дар Тоҷикистон, саҳми олимони тоҷик дар ба даст овардани навъҳои нави картошка, миқдори навъҳои ба даст овардаи олимони тоҷик, ки дар солҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва майдони кишт онҳо, аз тарафи унвонҷӯй маълумоти зарурӣ пешниҳод нагаштааст. Инчунин боби якуми рисола бо хулосаи ниҳоӣ муаллиф пура ҷамъбаст нагардидааст.**

**Доир ба боби дуюми рисола** бояд ҳаминро қайд намуд, ки унвонҷӯй дар ин боб маълумотҳои муҳимро доир ба нишондодҳои иқлим, таркиби хок, оид ба навъҳои нави картошка, ки дар таҳқиқот истифода шудаанд, ҳамаи усулҳои гузаронидашудаи илмиашро васеъ ва пурра ба қалам додааст.

Аммо дар саҳифаи 43 дар **ҷадвали 2.2.4. -Меъёри боришотҳо дар моҳи апрели соли 2019 миқдори боришотро ба 129,6 мм ба қалам додааст, ки ин хело нишонаи баланд буда, аз хато чоп шудани ин рақам далолат менамояд?**

**Инчунин, дар ҷадвалҳои овардашуда, доир ба ҳарорати ҳаво ва миқдори боришот маълумотҳои бисёрсола низ агар пешниҳод мегаштанд, боз ҳам барои таҳлили маълумотҳои солҳои таҳқиқот беҳтар мебуд.**

**Барои нашъу намои навъҳои омӯхташуда, агар унвонҷӯй миқдори ҳарорати фаъол ва самаранокро дар солҳои таҳқиқот низ пешниҳод менамуданд, аҳамияти ин бобро хело бештар мегардонид.**

**Дар боби сеюми** рисола унвонҷӯй Акрамов А.Х. натиҷаҳои ба даст овардаи корҳои илмиашро таҳлил намуда, дар ин боб маълумотҳои арзишманди илмиро, аз қабили давомнокии давраҳои сабзиши навъҳо, баландии пояи навъҳои картошка, майдони барг, миқори пайдоиши муғчаҳо ва гулҳо, массаи баргу пояи растаниҳо, массаи решаҳо, маҳсулнокӣ, ҳосилнокӣ ва алоқамандии нишонаҳо (аломатҳо)-и навъҳои картошкаро бо таҳлилҳои саҳеҳи илмӣ пешниҳод гаштаанд.

Аммо дар саҳифаи 93 диаграммаи 3.8.1.- алоқамандии байни миқдори мӯғчаҳо бо шумораи гулҳо тайи солҳои таҳқиқот ( 2019-2022) коэффициенти алоқамандӣ бояд r= 0,949 бошад, вале он r= 300 нишон дода шудааст?

Ба чунин хатогиҳои нишондодҳои алоқамандии нишонаҳои гуногуни картошка, инчунин дар диаграммаҳои **3.8.2; 3.8.3; 3.8.4; 3.8.5 ва ғайраҳо,** , ки онҳо шояд хатогии механикӣ аз тарафи унвонҷӯй бошанд?

Эродҳои дигар доир боби 3 чунинанд:

1. Зербоби **3.1.Агротехникаи парвариши картошка дар қитъаи таҷрибавӣ номида мешавад, бояд ин зербоб** дар боби 2-юми рисола ҷойгир мешуд, чунки ин зербоб ба чорабиниҳо агротехникӣ ва мӯлату механизмҳои истифода гашта, бахшида шудааст. Яъне ин боб бештар ба боби дуюми рисола дахл дорад.
2. **Дар фарақҷоми боби 3 –юми диссертатсия хулосаҳои илмӣ пешниҳод нашудаанд?**

3. **Агар уновончӯй дар ин боб миқдори ғурахои навъхои картошкаро низ омӯхта, маълумот пешниход менамуд, дар оянда онхо барои корхои селексионӣ аҳамияти калони илмӣ медоштанд.**

**Дар боби чоруми рисола** маълумотхои зарурӣ доир ба ҳашаротхо ва зараррасониҳои картошка дар макони таҳқиқотҳо оварда шудаанд, ки ин маълумотҳо аҳамияти калони илмӣ доранд.

**Эродҳо доир ба ин боби рисола чунинанд:**

1. **Дар оғози боби 4 бояд** методи М.В. Бурдукова [1967] доир ба **муайян намудани фоизи сироятёбиро,** бо нишондоди формулаи $P = \frac{n \times 100}{N}$ хуб мешуд, ки он дар боби дуюми рисола ҷойгир мегардид.

2. Дар саҳифаи 108 омадааст, ки **дар қитъаи таҷрибавӣ аз касалии резоктониоз навъи Манифест бештар осеб дида, навъхои Янка, Бриз ва Вектар ба ин касалӣ устуворияташон баланд мебошад.** Дар бораи устувории навъхо ба унвонҷӯй зарур буд, ки **фоизи касалии навъхои картошкаро пешниход менамуданд ва оид ба устувории навъхо дар асоси фоизи касалии навъхо хулоса мебароварданд, беҳтар мебуд.**

3. **Дар ин боб зарур буд, ки як ҷадвали алоҳида доир ба фоизи касалиҳои навъҳои картошка дар макони таҷрибаҳо барои солҳои таҳқиқот пешниход мегардид, аҳамияти кори илмиро доир ба ин мавзӯ боз ҳам зиёд менамуд.**

4. **Чанде аз аксҳои дар ин боб овардашуда, хуб мешуд, ки онҳо ба кадом навъи картошка дахл доштанд ва вақти аксбардории онҳо, агар маълумот оварда мешуд, ба фоидаи кори илмӣ мебуд.**

5. **Боби мазкур бояд бо хулосаи муаллиф ҷамъбаст мегардид.**

**Дар боби панҷуми рисола** доир ба самаранокии парвариши навъҳои гуногуни картошка дар мавзеи Лахш, нишондодҳои асоснок пешниҳод гардидаанд ва доир ба ин боб эрод нест.

**Дар боби шашуми рисола** хулосаҳои арзишманд доир ба натиҷаҳои ба даст омадаи кори илмӣ маълумоти мухтасар навишта шудааст.

Дар маҷмӯъ доир ба натиҷаҳои ба дастовардаи илмии унвонҷӯй, ки дар диссертатсия пешниҳод гаштаанд, чунин эродҳои умумӣ қайд карда мешаванд:

1. **Дар рисолаи илмӣ баробари омӯзиши навъҳои бурунмарзии картошка, хуб мешуд, ки агар як ё ду навъ аз навъҳои ватании картошка омӯхта мешуданд, аҳамияти кори илмӣ баландтар мегардид.**

2. **Дар рисола агар тағийрпазирии нишонаҳои муфиди навъҳои картошка ва характери генетикӣ доштан ва интихоби клонҳои фарққунанда муайян карда мешуд, моҳияти селексионии кори илмӣ бештар мегардид.**

3. **Дар раванди кори илӣ агар унвонҷӯй дараҷаи ғурабандии навъҳои омӯхташуда ва омӯзиши тухмакҳои худбордорӣ навъҳои картошкаро пешниҳод менамуд, арзишмандии кори илмии селексионии он боз ҳам тақвият мегардид.**

4. **Дар диссертатсия имлоҳои ғалат ва хатогиҳои граматикӣ во мехӯранд.**

Вале, бояд қайд намуд, ки эродҳои дар боло зикр шуда, моҳияти илмию амалии диссертатсияи мазкурро кам намекунанд.

**Хулоса**

Диссертатсияи илмии Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзӯи **“Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт”**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ пешниҳод шудааст, кори бисёрсолаи мукаммали илмии ба анҷом расида буда, аҳамияти калони илмию амалӣ дорад. Рисолаи илмӣ дорои маълумотҳои арзишманди назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои омӯзиши гуногунҷабҳаи навъҳои нави картошкаро дар минтақаи кӯҳии водии Рашт, дар баландии 2100 м аз сатҳи баҳр пурра инъикос менамояд. Натиҷаҳои тадқиқот дар интишороти илмӣ инъикоси пурраи худро ёфтаанд. Автореферати диссертатсия мазмуни асосии рисолаи илмиро инъикос менамояд. Бинобар ин, диссертатсияи пешниҳодшуда ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он Акрамов Абдуҳалим Холович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мебошад.

**Муқаризи расмӣ:**

Мудири озмоишгоҳи генетика ва селексияи растаниҳои Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои кишоварзӣ (ихтисос 06.01.05. – селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ) Партоев Қ.

**Имзои д.и.к. Қ. Партоев-ро тасдиқ менамоям:**

Нозири калони шуъбаи кадрҳои Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Умарова Н.С.

«03» май соли 2024.

*Суроғаи корӣ:* *734017, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯч. Карамова 27, Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Тел.: (+ 992 37) 224-71-88; www: ibfgr.tj*
*E-mail: pkurbonali@mail.ru*